# Ҷамъияти Саҳомии Пӯшидаи «Спитамен Бонк»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст ва Хулосаи Аудитории Аудитори Мустақил

# МУНДАРИҶА:

| | Саҳ. |
|---|---|
| Изҳороти роҳбарит оид ба масъулияти иҷроиш ва тасдиқи ҳисоботи молиявӣ | 3 |
| Ҳисоботи аудитории мустақил | 4 |
| Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ | 8 |
| Ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмӯӣ | 9 |
| Ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя | 10 |
| Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ | 11 |
| Эзоҳҳот ба ҳисоботи молиявӣ | 13 |

Ҳисоботи молиявӣ бо асъори миллӣ – дар ҳазор сомонии тоҷикӣ пешниҳод карда шуда аст.

## ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД

Маълумоти дар поён овардашуда, ки бояд якҷоя бо тавсифи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи пешниҳодшудаи аудиторони мустақил омадаанд, баррасӣ шавад, бо мақсади ҳудудгузории масъулияти роҳбарияти Ҷамъияти Саҳомии Пӯшидаи "Спитамен Бонк" (дар оянда – "Бонк") ва аудиторони мустақил барои ҳисоботи молиявии Бонк пешниҳод мешавад.

Ин ҳисоботи молиявӣ мувофиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) таҳия шудаанд ва ҳатман маблағҳоеро дар бар мегиранд, ки бар асоси қарорҳо ва тахминҳо муайян шудаанд.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ Роҳбарият ҷавобгар аст ба:

- интихоб ва истифодаи макбули усулҳои сиёсати ҳисобдорӣ;
- пешниҳод намудани маълумот, инчунин маълумот дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, дар шакле, ки бамавриднокӣ, боэътимоднокӣ, қиёспазирӣ ва возехии чунин ахборотро таъмин менамояд;
- пешниҳод намудани маълумоти иловагӣ дар ҳолатҳое, ки риояи талаботи СБҲМ барои фаҳмиши таъсири ин ё он амалиётҳо, ва инчунин дигар воқеъаҳо ва ҳолатҳо ба вазъи молиявӣ ва натиҷаи молиявии Бонк аз тарафи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ кофӣ нест;
- баҳо додан ба қобилияти Бонк барои давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда.

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст барои:

- Таҳия, татбиқ ва таъмини фаъолияти низоми самаранок ва мустаҳками назорати дохилӣ дар ҳамаи шӯъбаҳои Бонк;
- Нигоҳдории қайдҳои дахлдори баҳисобгирӣ, ки барои маънидод кардани амалиётҳои Бонк ва бо саҳеҳият ва дар дилхоҳ вақт бозгӯ намудани вазъи молиявии Бонк кофиянд ва кафолат медиҳанд, ки ҳисоботҳои молиявии Бонк ба талаботи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) мутобиқанд;
- Нигоҳдории қайдҳои муҳосибӣ мутобиқи талаботи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандартҳои Байналмиллилалии Ҳисоботи Молиявӣ;
- Андешидани чораҳои дастрас ҷиҳати таъмини амнияти дороҳои Бонк;
- Ошкор ва пешгирии факти қаллобӣ ва дигар қонунвайронкуниҳо

Ҳисоботи молиявии Бонк барои соле, ки 31 декабри соли 2025 ба охир расид, аз тарафи Роҳбарияти Бонк дар санаи 31 марти соли 2026 тасдиқ шудааст.

Аз номи Роҳбарияти Бонк:

Самандарзода Навруз
Раиси Бонк

Гуламадшоев Рашид
Сармуҳосиб

RSM

ООО "РСМ ТОЧИКИСТОН"
Исх. № 08/1/26
"31" 03 2026

**RSM Tajikistan**

Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
**T** +992 (44) 6006370
rsm.tj

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Саҳмдорон ва Шӯрои Нозирони Ҷамъияти Саҳомии Пӯшида «Спитамен Бонк»:**

### *Ақида*

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Ҷамъияти Саҳомии Пӯшидаи «Спитамен Бонк» (минбаъд «Бонк»)-ро гузаронидем, ки аз ҳисоботи оид ба вазъи молиявӣ дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2025, ҳисоботи оид ба даромади умумӣ, ҳисоботи оид ба тағйирот дар сармоя ва ҳисоботи оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, инчунин эзоҳҳот ба ҳисоботи молиявии, аз ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгириро дар бар мегирад, иборат мебошанд.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда вазъияти молиявии Бонкро дар ҳама ҷанбаҳои назаррас дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2025, инчунин натиҷаҳои молиявии онро ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд «СБҲМ»), ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

### *Асос барои ифодаи ақида*

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») ба анҷом расонидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молияви» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда мешаванд. Мо нисбат ба Бонк мустақил буда, мутобиқи кодекси Байналмилалии ахлоқии муҳосибони касбӣ ва Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибон («Кодекс») ва талаботҳои ахлоқӣ, ки барои аудити ҳисоботи молиявӣ мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда аст, инчунин ӯҳдадориҳои дигари ахлоқии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Ба хулосаи мо, он далелҳои аудиторие, ки аз тарафи мо ба даст оварда шудаанд, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва дуруст мебошанд.

### *Масъалаҳои асосии аудит*

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мутобиқи муҳокимаи касбии мо, барои аудити ҳисоботи молиявии барои соли ҷорӣ бештар муҳиманд. Ин масъалаҳо дар ҳудуди аудити ҳисоботи молияви мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисоботи молиявӣ баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction

| *Масъалаҳои асосии аудит* | | **Расмиётҳои аудиторӣ нисбати масъалаҳои асосии аудит** |
|---|---|---|
| *Методологияи бекурбшавии сандуқи қарзӣ* | | |
| Роҳбарияти Бонк захираҳоро нисбат ба воситаҳои молиявӣ дар асоси шартҳои шартномаҳои басташуда, арзёбии вазъи молиявии мизоҷон ва инчунин пешгӯии воридоти ояндаи маблағҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбударо бо назардошти рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ ташкил мекунад.<br><br>Ташаккули захира дар асоси инфиродӣ, дар асоси баҳодиҳии қобилияти пардохти қарзгиранда, бо назардошти таснифи ӯҳдадориҳои қарзгиранда ва амволи гарави ӯ сурат мегирад | | Аз ҷониби мо расмиётҳои таснифи қарзҳо аз рӯи гурӯҳҳои хавф гузаронида шуданд, системаи назорати дохилӣ арзёбӣ карда шуд, қарзҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси интихобӣ бо назардошти ҳисобкунии захираҳо санҷида шуданд. |
| *Қарзҳо* | | |
| Роҳбарияти Бонк аз шахсони ҳуқуқӣ, бо мақсадҳои додани қарзҳои кӯтоҳмуддат, ки баъдан тамдид карда мешаванд, маблағ ҷамъ меорад<br>Мо ба ин масъалаҳо бо сабаби муҳиммияти калон доштани ин модда нисбат ба ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳо диққати махсус медиҳем. Сохтор ва хизматрасонии ҳар як қарз аз Бонк арзёбии созишномаҳои шартномавӣ ва таъсири онҳоро ба баҳисобгирии рефенансӣ талаб мекунад. Қарзҳо дар шакли асъори миллӣ ва хориҷӣ дар асоси шартномаҳои қарзӣ, ки бо қарздиҳандагон баста шудаанд, ҷалб карда мешаванд. | | Аз ҷониби мо, расмиётҳои таҳлили шартномаҳо, омӯзиши системаи назорати дохилӣ оид ба ин қарзҳо, инчунин дар асоси интихобӣ тартиби ҳисобкунии қарзҳо ва фоизҳо аз рӯи онҳо гузаронида шудааст. |

***Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молияви ҷавобгӯ ҳастанд***

Роҳбарият барои таҳия ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосилагӣ масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Бонк, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатъnamoии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати таҳия намудани ҳисоботи молиявии Бонк ба зимма мегиранд.

RSM

***Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Ҳадафи мо аз он иборат аст, ки эътимоди оқилона ба даст орем, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо надорад ва дар нашри хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Боварии оқилона дараҷаи баланди эътимодро ифода мекунад, аммо кафолати он нест, ки аудити мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидашуда ҳамеша метавонад таҳрифи назарраси мавҷударо ошкор намояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо бошанд ва агар ба таври асоснок тахмин кардан мумкин бошад, ки онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар метавонанд ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси ин ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд, муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тули тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо муайян ва арзёбӣ менамоем; дар посух ба ин хавфҳо расмиётҳои аудиторӣ таҳия намуда ва иҷро менамоем; далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амали беинсофона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои беинсофона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудиторӣ, ки ба ҳолатҳо мутобиқат менамояд, вале на бо мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Бонк, ба даст меорем;

- хусусияти дурусти сиёсати баҳисобгирии татбиқшаванда ва дурустии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ифшои дахлдори маълумотро аз ҷониби Роҳбарият омодашударо арзёбӣ менамоем;

- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии назаррас вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас дар қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилагӣ ба вуҷуд ояд, хулоса мебарорем. Агар мо дар мавҷуд будани номуайянии назаррас ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молияви ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале рӯйдодҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Бонк қобилияти давом додани фаъолияти бефосилагии худро гум менамояд;

- арзёбии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар умум, сохторҳо ва таркиботи он, аз он ҷумла ифшои маълумот, инчунин он, ки оё ҳисоботи молиявӣ амалиёт ва рӯйдодҳои дар асоси он мавҷудбударо чунон пешниҳод карда метавонад, ки пешниҳоди саҳеҳи он таъмин карда шавад, мегузаронем;

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои назаррас оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои назаррасӣ низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунии корпоративӣ изҳорот медиҳем, ки мо ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдорро оид ба мустақилият риоя кардаем ва ин шахсонро огоҳ дар бораи ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое сохтем, ки метавонанд асоснок ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои эҳтиётии дахлдорро ба иттиллои онҳо расонидем. Мо ин масъалаҳоро дар ҳисоботи аудитории худ тавсиф мекунем, ба ҷуз дар ҳолатҳое, ки ошкорсозии иттилоот дар бораи ин масъалаҳо бо қонун ё меъёрҳои танзимкунанда манъ карда шудааст, ё дар ҳолатҳои хеле кам, ки мо ба хулоса меоем, ки иттилоот дар бораи масъалаи мушаххас набояд дар гузориши мо дохил карда шавад, зеро метавон бо асос гумон кард, ки оқибатҳои манфии ошкорсозии чунин иттилоот аз манфиати умумие, ки аз он ба даст меояд, бартарӣ хоҳанд дошт.

Ҳамроҳбари аудит, ки аз руи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақили мазкур нашр шудааст, Мафтун Баратов ба ҳисоб меравад.

Бахрулло Муллоев
Ҳамроҳбари Идоракунанда
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»

Иҷозатномаи Бонки миллии
Тоҷикистон БМТ № 0000352
аз 01 ноябри соли 2025

Мафтун Баратов
Ҳамроҳбари аудит

Шаҳодатномаи мутахассиси
аудити бонкӣ БМТ № 0000057
аз 30 декабри 2015 сол

31 марти соли 2026
Душанбе, Таджикистан

# ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ

| Бо ҳисоби ҳазор сомонии тоҷикӣ | Эзоҳ | 31 декабри соли 2025 | 31 декабри соли 2024 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО:** | | | |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина ва банкоматҳо | 8 | 643 784 | 1 233 133 |
| Тилло | 9 | 131 | 92 |
| Маблағҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ | 10 | 233 059 | 244 123 |
| Дороиҳои молиявӣ, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | 11 | 11 600 | 119 720 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 12 | 1 445 300 | 1 255 440 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | 13 | 221 | 34 |
| Қоғазҳои қимматноки сармоягузорӣ | 14 | 81 | 81 |
| Воситаҳои асосӣ | 15 | 205 560 | 153 268 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 16 | 14 040 | 13 117 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 17 | 18 746 | 21 090 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 32 | 2 729 | 1 728 |
| Дороиҳои дигар | 18 | 157 642 | 59 311 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **2 732 893** | **3 101 137** |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **ӮҲДАДОРИҲО:** | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 19 | 482 444 | 839 294 |
| Ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | 20 | 11 810 | 119 735 |
| Воситаҳои мизоҷон | 21 | 668 875 | 804 044 |
| Маблағҳои қарзӣ | 22 | 1 057 303 | 906 415 |
| Қарзҳои Субординарӣ | 23 | 51 914 | 40 523 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 16 | 15 260 | 17 310 |
| Даромади татбиқнашуда | 24 | 14 | 46 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 25 | 77 106 | 61 646 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **2 364 726** | **2 789 013** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 26 | 180 182 | 130 182 |
| Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | 4 873 | 4 966 |
| Дигар захираҳо | | 19 633 | 19 633 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 163 479 | 107 343 |
| Сармояи изофа | | - | 50 000 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | 368 167 | 312 124 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРҲО ВА САРМОЯҲО** | | **2 732 893** | **3 101 137** |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои 8 то 12 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Раиси Бонк ва Сармуҳосиби Бонк санаи 31 марти соли 2026 имзо карда шудааст. Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 13 то 80 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб мераванд.

Самандарзода Навруз
Раиси Бонк

Гуламадшоев Рашид
Сармуҳосиб

# ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮЙ

| Бо ҳисоби ҳазор сомонии тоҷикӣ | Эзоҳ | 31 декабри соли 2025 | 31 декабри соли 2024 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ, бо истифода аз усули ҳисоб кардани фоизи самаранок | 27 | 305 981 | 223 073 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 27 | (170 967) | (127 659) |
| **Даромади софи фоизӣ пеш аз ташкили захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз руи онҳо фоиз ҳисоб мешавад** | | 135 014 | 95 414 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 28 | 41 708 | 34 344 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 28 | (43 523) | (31 938) |
| **(Хароҷот)/ даромади комиссионии соф** | | (1 815) | 2 406 |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои зарарҳои қарзӣ | 29 | (129 349) | 49 339 |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 30 | 324 137 | 139 754 |
| Дигар даромадҳо | 31 | 7 812 | 4 841 |
| **ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ** | | 335 799 | 291 754 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 32 | (259 529) | (230 880) |
| **ФОИДАИ АМАЛИЁТӢ ТО ЗАХИРА АЗ РӮИ ДИГАР ХАРОҶОТҲО** | | 76 270 | 60 874 |
| Ташаккули захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо | 29 | (2 089) | (738) |
| **ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ** | | 74 181 | 60 136 |
| Андоз аз фоида | 33 | (15 549) | (14 045) |
| **ФОИДА БАРОИ СОЛ** | | 58 632 | 46 091 |
| **ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮЙ** | | | |
| Захира барои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Тағйирёбии арзиши аслии сармоягузорӣ | | - | - |
| Андоз аз дигар даромадҳои маҷмӯӣ | | - | - |
| **ҲАМАГӢ ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮЙ** | 26 | - | - |
| **Ҳамагӣ даромадҳои маҷмӯӣ** | | **58 632** | **46 091** |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои 8 то 12 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Раиси Бонк ва Сармуҳосиби Бонк санаи 31 марти соли 2026 имзо карда шудааст.

Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 13 то 80 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб мераванд.

| | |
|---|---|
| Самандарзода Навруз<br>Раиси Бонк | Гуламадшоев Рашид<br>Сармуҳосиб |

# ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ

| Бо ҳисоби ҳазор сомонии тоҷикӣ | Эзоҳ | Сармояи оинномавӣ | Сармояи барилова пардохтшуда | Захира барои азнавбаҳо - диҳии воситаҳои асосӣ | Дигар захираҳо | Фоидаи Тақсимнашуд -а /(зарарҳои ҷамъшуда) | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ба 31 декабри соли 2023** | | 80 182 | | 4 966 | 19 633 | 61 139 | 165 920 |
| Ислоҳи хатогиҳои давраҳои гузашта | 42 | - | - | - | - | 113 | 113 |
| Афзоиши сармояи оинномавӣ | | 50 000 | - | - | - | - | 50 000 |
| Пурракунии сармояи иловагии пардохташуда | | - | 50 000 | - | - | - | 50 000 |
| Фоидаи давра | | - | - | - | - | 46 091 | 46 091 |
| **Ба 31 декабри соли 2024** | | 130 182 | 50 000 | 4 966 | 19 633 | 107 343 | 312 124 |
| Ислоҳи хатогиҳои давраҳои гузашта | 42 | - | - | - | - | (2 496) | (2 496) |
| Тағйирёбии захира барои азнавбаҳодиҳӣ | | - | - | (93) | - | - | (93) |
| Пурракунии сармояи оинномавӣ аз ҳисоби сармояи иловагии пардохташуда | | 50 000 | (50 000) | - | - | - | - |
| Фоидаи давра | | - | - | - | - | 58 632 | 58 632 |
| **Ба 31 декабри соли 2025** | | **180 182** | **-** | **4 873** | **19 633** | **163 479** | **368 167** |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои 8 то 12 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Раиси Бонк ва Сармуҳосиби Бонк санаи 31 марти соли 2026 имзо карда шудааст. Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 13 то 80 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб меравад.

Самандарзода Навруз
Раиси Бонк

Гуламадшоев Рашид
Сармуҳосиб

# ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

| | 31 декабри соли 2025 | 31 декабри соли 2024 |
|---|---|---|
| **ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АСОСӢ** | | |
| Фоида (Зарар) то андохбандӣ | 74 181 | 60 136 |
| ***Танзимот:*** | | |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои зарарҳои интизоршаванда аз қарзҳои БМТ | 10 539 | 8 346 |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои ҳисобҳои кореспандентӣ | 2 | - |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои зарари интизоршаванда аз қарзҳо | 129 349 | (46 928) |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои дороиҳои дарозмуддати барои фуруш пешбинишаванда | (6) | (1 474) |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои дигар дороиҳо | 2 092 | (159) |
| (Ташкилкунӣ)/барқарорсозии захира барои рухсатии меҳнатӣ | 6 971 | - |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 16 696 | 13 448 |
| Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 5 174 | 5 086 |
| Тафовутҳои қурби асъор дар амалиётҳои бо асъори хориҷӣ | (4 405) | (860) |
| Зиёдшавии софи ӯҳдадориҳо барои иҷора | 8 450 | 18 188 |
| Зиён/(даромад) аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 540 | 3 559 |
| Ислоҳи хатогиҳои давраҳои гузашта | (2 496) | 113 |
| Дигар | (93) | - |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | 246 994 | 59 455 |
| Тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | |
| **(Зиёдшавӣ)/камшавии дороиҳои амалиётӣ:** | | |
| Тилло | (39) | (19) |
| Дороиҳои молиявӣ, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | 108 120 | (60 468) |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | (318 064) | (347 841) |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузоштошуда | (1 001) | (672) |
| Маблағҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ | (1 335) | (969) |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | (6 098) | (9 203) |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | (181) | 386 |
| Дигар дороиҳо | (100 422) | 18 403 |
| **(Зиёдшавӣ)/камшавии ӯҳдадориҳои амалиётӣ:** | | |
| Ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки тавассути фоида ё зиён бо арзиши одилона баҳодиҳӣ шудаанд | (107 925) | 60 322 |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | (356 726) | 762 165 |
| Воситаҳои мизоҷон | (134 857) | (11 927) |
| Даромади ба таъхир афтода | (32) | (4) |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 8 494 | (20 858) |
| Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андоз аз фоида, пардохти комиссия ва фоизҳо | (663 072) | 448 770 |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | (15 549) | (14 045) |

| | | |
|---|---|---|
| **Хароҷоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **(678 621)** | **434 725** |
| **ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (66 702) | (104 409) |
| Хариди воситаҳои ғайримоддӣ | (482) | - |
| **Гардиши софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:** | **(67 184)** | **(104 409)** |
| **ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Зиёдшавии сармояи оинномавӣ | - | 100 000 |
| Воридшавӣ ва пардохти қарзҳо ва (қарзҳои субординарӣ), нетто | 164 409 | 349 456 |
| Фоизҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда аз руи қарзҳо ва қарзҳои субординарӣ, нетто | (227) | 2 834 |
| Фоизҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда аз руи воситаҳои қарзӣ, нетто | (4) | 77 |
| Пардохти ӯҳдадориҳо аз руи иҷора | (10 499) | (10 712) |
| **Гардиши софи воситаҳои пулӣ аз фаъолиятҳои молиявӣ:** | **153 679** | **441 655** |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба бақияи воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ | 603 | 120 |
| ЗИЁДШАВӢ/(КАМШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МОДУЛИ ОНҲО | (592 126) | 771 971 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МОДУЛИ ОНҲО, ба аввали сол** | 1 413 440 | 641 349 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МОДУЛИ ОНҲО, ба охири сол** | **821 917** | **1 413 440** |

Ҳисоботи молиявӣ, ки дар саҳифаҳои 8 то 12 пешниҳод шудааст, аз ҷониби Раиси Бонк ва Сармуҳосиби Бонк санаи 31 марти соли 2026 имзо карда шудааст.

Эзоҳҳои замимашудаи саҳифаҳои аз 13 то 80 қисми ҷудонашавандаи ин ҳисоботи молиявӣ мазкур ба ҳисоб меравconfigured.

Самандарзода Навруз
Раиси Бонк

Гуламадшоев Рашид
Сармуҳосиб